*ТКБ 4Т(075)*
*DOI:10.51844-2077-4990-2023-3-74-78*

# ОМОДА КАРДАНИ ОМӮЗГОРОНИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК БА ФАЪОЛИЯТИ ПЕДАГОГӢ ДАР РАВАНДИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ПЕДАГОГӢ

***Ҳакимова Шоира Исломовна**, н.и.ф, дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# ПОДГОТОВКА УЧИТЕЛЕЙ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА И ЛИТЕРАТУРЫ К ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В ПРОЦЕССЕ ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ПРАКТИКИ

***Хакимова Шоира Исломовна,** к.фн., доцент кафедры методики преподавания таджикского языка и литературы ГОУ "ХГУ имени акад. Б. Гафурова" (Таджикистан, Худжанд)*

# PREPARATION OF TEACHERS OF THE TAJIK LANGUAGE AND LITERATURE FOR TEACHING ACTIVITIES IN THE PROCESS OF PEDAGOGICAL PRACTICE

***Hakimova Shoira Islomovna**, candidate of philological sciences, Associate Professor, head of the department of the Tajik language and its methods of teaching under the SEI «KSU named after acad. B.Gafurov» (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:** xakimova.shoira@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:** омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик, омода кардани омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик, таҷрибаомӯзии педагогӣ, таҷрибаи омӯзгорӣ, таҷрибаомӯзӣ, вазифаҳои таҷрибаомӯзии педагогӣ*

*Мақола ба баррасии масъалаи омода кардани омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик ба фаъолияти педагогӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ ихтисос ёфтааст. Қайд карда мешавад, ки таҷрибаомӯзии омӯзгории донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қисми таркибии барномаи асосии таҳсилоти олии касбӣ ба шумор рафта, он ба таҳкими донишҳои назариявӣ ва амалӣ азбаркардаи донишҷӯён дар раванди таҳсил нигаронида шуда, бо мақсади аз ҷониби донишҷӯён аз худ кардани касби омӯзгорӣ, нишон додани таҷрибаи пешрафта, истифодаи он дар корҳои таълим, ҳамзамон дар ниҳоди онҳо тарбия намудани ҳисси муҳаббат нисбат ба касби омӯзгорӣ ташкил ва баргузор карда мешавад.Нишон дода шудааст, ки омӯзгорони ояндаи забон ва адабиёти тоҷик маҳз ҳангоми гузаронидани таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ бо вижагиҳову мушкилоти касбӣ дар амалия ошно мешаванд ва баҳри рафъи он мушкилаҳо аввалин донишҳову кӯшишҳои хешро сарф менамоянд.*

***Ключевые слова:** учитель таджикского языка и литературы, подготовка учителей таджикского языка и литературы, педагогическая практика, педагогический опыт, практика, задачи педагогической практики*

*В статье основное внимание уделяется подготовке учителей таджикского языка и литературы к педагогической деятельности в процессе педагогической практики. Отмечается, что педагогическая практика студентов высших профессиональных учебных заведений является неотъемлемой частью основной программы высшего профессионального образования, она направлена на закрепление теоретических и практических знаний, полученных студентами в образовательном процессе, организуется и проводится с целью овладения профессией учителя, ознакомления с передовым опытом, для использования его в образовательной деятельности, одновременно привития чувства любви к профессии учителя в своем вузе. Показано, что будущие учителя таджикского языка и литературы знакомятся с особенностями и профессиональными проблемами на практике во время педагогической практики в средней школе и направляют свои первые знания и усилия на преодоление этих проблем.*

***Key words:** teachers of the Tajik language and literature, training of teachers of the Tajik language and literature, teaching practice, teaching experience, practice, tasks of teaching practice*

*The article focuses on preparing teachers of the Tajik language and literature for teaching activities in the process of teaching practice. It is noted that the pedagogical practice of students of higher professional educational institutions is an integral part of the basic program of higher professional education, it is aimed at consolidating the theoretical and practical knowledge acquired by students in the educational process, with the aim of organizing and conducting skills of the teaching profession, providing advanced experience, using it in educational activities, while at the same time instilling a sense of love for the teaching profession at one's university. It is shown that future teachers of the Tajik language and literature become familiar with the characteristics and professional problems in practice*

*during teaching practice in secondary school and direct their first knowledge and efforts to overcome these problems.*

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маорифро самти афзалиятнок эълон намуда, онро омили муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат номидаанд.Ба ҳамин далел, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушду инкишофи бемайлони соҳаи маориф ва илм, сатҳу сифати донишандӯзии хонандагону донишҷӯён дар ҳама зинаҳои таҳсилот, сифати тайёр кардани кадрҳои баландихтисос ва унвондор таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд.

Имрӯз вобаста ба баланд бардоштани сифати таълим ва тарбия, ворид гардидан ба фазои ҷаҳонии таҳсилот, омодасозии мутахассисони ҷавобгӯ ба ниёзҳои замон, ҳамзамон мутобиқати мазмуни таҳсилот ба шароити муосир дар назди маориф масъалаҳои муҳим гузошта мешаванд.

Тағйироти замони муосир дар фазои маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи рушди илми педагогика, минҷумла тайёр намудани мутахассисони дорои дониши густурда, маҳорат ва малака, ҷаҳонбинии фарох, дорои нерӯи пурқуввати эҷодӣ, ки қодир ба истифодаи моҳирона аз технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ мебошанд, инчунин таҷрибаи бою рангин дар масъалаи омода кардани муаллимон вазифаҳои нав ба миён мегузорад. Гузашта аз ин, сухан дар бораи татбиқи баъзе консепсияҳои методологӣ меравад, ки барои нақши калидӣ дар рушди технологияҳои муосир дар соҳаи маориф пешбинӣ шудаанд. Ҳамаи ин ҷустуҷӯи равишҳои нави истифодаи технологияҳои афзалиятноки инноватсионӣ, тайёр намудани кадрҳои баландихтисосро тақозо мекунад.

Муаммои бо сифати баланд тайёр кардани муаллимони забон ва адабиёти тоҷик яке аз муаммоҳои хеле муҳим маҳсуб шуда, масъалаи афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи рушди салоҳиятнокии касбии омӯзгорон ба шумор меравад.

Дар тайёр кардани муаллимони забон ва адабиёти тоҷик мусаллаҳ намудани донишҷӯён бо донишҳои филологӣ, педагогӣ, равоншиносӣ аз рӯйи барномаи таълимӣ як тарафи масъала бошад, тарафи дигари масъала ин омода кардани муаллимони оянда барои истифодаи моҳиронаи донишҳои бадастоварда дар фаъолияти меҳнатии онон маҳсуб шуда, ташаккули салоҳиятҳои касбии онҳо зимни таҷрибаи омӯзгорӣ имконпазир мегардад.

Таҷрибаомӯзии омӯзгории донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қисми таркибии барномаи асосии таҳсилоти олии касбӣ ба шумор меравад ва он ба таҳкими донишҳои назариявӣ ва амалӣ азбаркардаи донишҷӯён дар раванди таҳсил нигаронида шуда, бо мақсади аз ҷониби донишҷӯён аз худ кардани касби омӯзгорӣ, нишон додани таҷрибаи пешрафта, истифодаи он дар корҳои таълимӣ, ҳамзамон дар ниҳоди онҳо тарбия намудани ҳисси муҳаббат нисбат ба касби омӯзгорӣ ташкил ва баргузор карда мешавад[1,с.21].Дар робита ба таҷрибаомӯзии педагогӣ ҳамчун омили муҳимми тайёр кардан ва шарти муҳими ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони оянда таҳқиқоти вижае анҷом дода шудаанд[2,с.4].

Дар мавриди ташкил, баргузорӣ, роҳандозӣ ва арзёбиву баҳодиҳии раванди таҷрибаи омӯзгорӣ кулли муассисаҳои олии кишвар Низомномаи таҷрибаомӯзии педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҶТ (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 январи соли 2017, № 1/16) –ро ба асос мегиранд[3], ки Низомномаи мазкур дар асоси талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». «Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилотии олии касбӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, тартиби ташкил ва баргузории таҷрибаомӯзии педагогиро ба танзим медарорад.

Сифати тайёр кардани мутахасисони варзидаи дар бозори меҳнат рақобатпазир, ҷавобгӯйӣ ба талаботи замони муосир ҳамеша бояд дар мадди назари раёсати таълим, шуъбаи идоракунии сифати таҳсилот, садорати факултет ва кафедра қарор дошта, барои фароҳам овардани шароит ҷиҳати истифодаи эҷодкоронаи дониш ва рушди маҳорату қобилияти касбии донишҷӯён чораҳо андешида шаванд.

Бояд гуфт, ки тибқи муқаррароти Низомномаи таҷрибаомӯзии педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҶТ вазифаҳои асосии таҷрибаомӯзии педагогӣ аз инҳо иборатанд:

- ҷалби донишҷӯён ба раванди таьлим дар муассисаҳои таълимӣ;

-фароҳам овардани шароит ҷиҳати истифодаи эҷодкоронаи дониш ва рушди маҳорату қобилияти касбии донишҷӯён;

- мусоидат ба ташаккули ақидаҳои шахсии донишҷӯён оид ба консепсияҳои муосири таълим ва тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;

-ташаккули қобилияти донишҷӯён барои фаъолияти мустақилона дар самти рушд ва худинкишофдиҳии шахсияти хонандагон, омода намудани онҳо барои фаъолияти навоварӣ (иноватсионӣ) дар соҳаи таҳсилот ва дуруст истифода кардани воситаҳои он;

-рушди маҳорат ва малакаи донишҷӯён ҷиҳати татбиқи муваффақонаи раванди таълиму тарбия;

-ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва ғоявии донишҷӯён, аз худ намудани шаклҳои маъмули фаъолияти тарбияи ғоявӣ:

- бадастовардани сифатҳои касбии омӯзгори оянда, ки ба талаботи ҷомеаи муосир ҷавобгӯ бошанд:

- тарбияи муҳаббат ва иззату эҳтироми донишҷӯён нисбат ба касби омӯзгорӣ;

- ба роҳ мондани фаъолияти амалии донишчӯён, ташаккули маҳорату малакаҳои касбии онҳо ҷиҳати аз бар намудани усулҳои муосири таълиму тарбия:

- татбиқи амалӣ ва таҳкими донишҳои назариявӣ, ки донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои ҷамъиятӣ тахассусӣ ва равоншиносиву омӯзгорӣ аз худ намудаанд;

- ба роҳ мондани муносибати педагогии донишҷӯён бо хонандагон ва омӯзиши хислатҳои синнусолӣ ва фардии онҳо;

- коркарди муносибати эҷодӣ ва тадқиқотӣ нисбат ба фаъолияти омузгорӣ аз худ намудани малакаҳои таҳлил ва коркарди натиҷаҳои бадастомада[3].

Дар давраи таҷрибаи омӯзгорӣ, ки марҳилаи хеле муҳими тайёр кардани муаллимони забон ва адабиёти тоҷик аст, ба ташаккули ақидаҳои шахсии донишҷӯён оид ба консепсияҳои муосири таълим ва тарбия диққати асосӣ бояд дода шавад.Қобили зикр аст, ки ташаккули қобилияти донишҷӯён барои фаъолияти мустақилона дар самти рушд ва худинкишофдиҳии шахсияти хонандагон, омода намудани онҳо барои фаъолияти навоварӣ(иноватсионӣ) дар соҳаи таҳсилот ва дуруст истифода кардани воситаҳои он, инчунин рушди маҳорат ва малакаи донишҷӯён ҷиҳати татбиқи муваффақонаи раванди таълиму тарбия, ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва ғоявии донишҷӯён, аз худ намудани шаклҳои маъмули фаъолияти тарбияи ғоявӣ, ба даст овардани сифатҳои касбии омӯзгори оянда, ки ба талаботи ҷомеаи муосир ҷавобгӯ бошанд, тарбияи муҳаббат ва иззату эҳтироми донишҷӯён нисбат ба касби омӯзгорӣ вазифаи аввалиндараҷаи роҳбар-методист маҳсуб меёбад.

Дар раванди баргузории таҷрибаомӯзии омӯзгории муаллимониояндаи забон ва адабиёти тоҷик зинаи савуми назарияи "Таксономия"-и Б.Блум амалӣ мегардад.Тибқи пешниҳоди ӯ агар дар зинаи аввал фаҳмиш, дар зинаи дуввум дониш ва дар зинаи савум истифода қарор дошта бошад[7], пас дар давраи таҷрибаи омӯзгорӣ донишҷӯён донишҳои назариявӣ омӯхта, дар амалия татбиққардаро, ба ҳайси таҷрибаомӯз дар муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ ҳангоми дарс додан мавриди истифода қарор медиҳанд.

Дар ин самт риоя кардани принсипҳои асосии таҷрибаи омӯзгорӣ ба мақсад мувофиқ аст:

-мувофиқатии омодагии назариявӣ ва амалии донишҷӯён дар давраи таҷрибаомӯзӣ;

- баҳамоии омодагии умумипедагогӣ, психологӣ ва тахассусии донишҷӯён;

-рушди тафриқавии имкониятҳои донишҷӯ ҷиҳати аз худ намудани маҳорату малакаи педагогӣ ва ташаккули сабки инфиродии фаъолияти омӯзгорӣ;

-муносибати муттасил ба ташаккули мазмун ва муҳтавои таҷрибаомӯзии педагогӣ.

Таҷрибаомӯзии омӯзгории донишҷӯёни ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик давоми мантиқиии ташаккули салоҳиятҳои касбии онҳо маҳсуб меёбад ва дар баробари ташаккули салоҳиятҳои касбӣ онҳо бо нозукиҳои муносибати босалоҳият бо таълим, ки имрӯз дар тамоми муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ тибқи муқаррароти Стратегияи рушди маориф роҳандозӣ шудааст, ошно мешаванд.

Донишҷӯёни ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ таҳлили мундариҷа ва самтҳои асосии фаъолияти педагогии муассисаи таълимиро анҷом медиҳанд, дар машғулиятҳои дарсии синфҳое, ки ба онҳо вобаста шудаанд дар асоси мушоҳида барои муайян намудани муҳити иҷтимоӣ ва сабки муоширати хонандагон аз рӯи муносибати онҳо бо омӯзгор ва ҳамдигар иштирок менамоянд, вазифаҳои таълиму тарбияро дар асоси мақсади гузошташуда ва натиҷаҳои бадастоварда муайян менамоянд, барномаи иҷро намудани талаботи таҷрибаомӯзиро таҳия ва шарҳ медиҳанд, корҳои муштараки эҷодиро бо хонандагон фаъолона ташкил ва омода менамоянд, усулҳои ташкил ва

гузаронидани машғулиятҳои дарсӣ, татбиқи вазифаҳои таълим, тарбия ва ташаккули шахсияти хонадагон, татбиқи технологияи нави таълимро аз худ менамоянд, корҳои тарбиявиро бо хонандагон дар асоси Консепсияи миллии тарбия ташкил ва баргузор менамоянд, дар машғулиятҳо дониш, савод, маҳорат, малакаи хонандагонро тибқи воситаҳои муосири баҳодиҳии натиҷаи таълим арзёбӣ ва баҳогузорӣ менамоянд. Дар амалисозии ҳамаи вазоифи номбаргардида масъулияти роҳбарони таҷрибаи омӯзгорӣ, педагогҳо, равоншиносон, роҳбари умумии таҷрибаи омӯзгорӣ бештар аз пештар мебошад.

Омӯзгорони муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ бояд донишҷӯёнро бо нақшаи корҳои таълимию тарбиявии синф шинос созанд ва барои онҳо машғулиятҳои дарсӣ, корҳои беруназсинфӣ ташкил намуда, раванди онро таҳлил ва баҳогузорӣ кунанд, дар якҷоягӣ бо роҳбари гурӯҳии таҷрибаомӯзии педагогӣ нақшаи тақвимии машғулиятҳои дарсиро дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ тартиб дода, миқдори корҳои беруназсинфиро оид ба фанни таълимӣ ба нақша гиранд, бо донишҷӯён ҷиҳати омодагӣ барои баргузор намудаии шаклҳои гуногуни машғулиятҳои дарсӣ ва корҳои беруназсинфӣ мусоҳибаҳо гузаронида, нақшаҳои дарсии яксоатаи дарназардоштаро мавриди санҷиш ва тасдиқ қарор диҳанд, дар таҳлил ва баҳодиҳии ҳар як машғулияти дарсии аз ҷониби донишҷӯёни таҷрибаомӯз баргузоршуда иштирок кунанд, ба донишҷӯёни таҷрибаомӯз тавсифнома дода, корҳои онҳоро дар давраи таҷрибаомӯзӣ аз рӯи ихтисос баҳо диҳанд ва дар ҷаласаҳои роҳбари муассисаи таълимӣ оид ба таҷрибаомӯзии педагогӣ иштирок намоянд.

Дар маҷмуъ барои тайёр кардани кадрҳои баландихтисос, босалоҳият, дорои ҷаҳонбинии густурда, дониши васею саводи комил, ботаҷриба кӯшиши дастаҷамъонаи устодони кафедраҳои тахассусӣ, кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик, омӯзгорони муассиаҳои таълимии миёнаи умумӣ, масъулони таҷрибаи омӯзгорӣ хеле муҳим мебошад. Барои ин саривақт донишҷӯёни ихтисоси забон ва адабиёти тоҷикро бо адабиёти зарурии таълимию методӣ таъмин кардан, намоиши маводро оид ба таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ дар муассисаҳои таълимӣ ташкил намудан, оид ба масъалаҳои мубрами илми муосир, ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфии донишҷӯён аз рӯи ихтисос машваратҳо баргузор намудан, равиш ва натиҷаи таҷрибаомӯзии педагогиро дар ҷаласаҳои кафедра таҳлил ва барои такмили он чораҳо андешидан, бо низоми муносибати босалоҳият ба таълим ошно сохтан, роҳҳои таҳияи нақшаҳои тавзеҳии дарсро тибқи муносибати босалоҳият ба таълим омӯхтан мувофиқи мақсад маҳсуб меёбад.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Абдуллина, О. А. Содержание и структура педагогической практики в педагогических вузах на современном этапе/О. А. Абдуллина // Вопросы общепедагогической подготовки будущих учителей / под ред. А. И. Пискунова.-М.: МГПИ им. В. И. Ленина, 1972. -С. 19-39.
2. Дадобаева, Н. Н. Педагогическая практика – важный фактор подготовки будущего учителя / Н.Н.Дадобаева,Н. Дадобаев//Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия гуманитарно-общественных наук. – 2016. – № 4(49). – С. 201-204. – EDN XGXESF.
3. Низомномаи таҷрибаомӯзии педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҶТ. (Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 январи соли 2017- № 1/16 )
4. Умарова,М.Т. Педагогическая практика – важное условие формирования профессиональной компетенции будущих учителей русского языка / М. Т. Умарова // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия гуманитарно-общественных наук.–2016.–№ 1(46).–С.193-201. – EDN WGCBPN.
5. Ҳакимова, Ш.И. Оид ба усули интерактивии таълими забони тоҷикӣ/ Ш. И. Ҳакимова //Тӯҳфаи аҳбоб. - Хуҷанд: Ношир, 2012.- С. 345-348.
6. Ҳакимова, Ш.И. Падидаҳои инноватсионии таълим дар системаи маорифи Тоҷикистон/Ш. И.Ҳакимова//“Номаи донишгоҳ"-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – 2015- №2(43). – С.245-249. – EDN ULQRIH.
7. Bloom B. S., Englehart M. D., Furst E. J., Hill W. H., Krathwohl D. R. Taxonomy of educational objectives handbook I: Cognitive domain. New York, 1956.-202 p.

## REFERENCES:

1. Abdullina, O. A. Content and structure of pedagogical practice in pedagogical universities at the present stage /O. A. Abdullina // Issues of general pedagogical training of future teachers / ed. A. I. Piskunova. -M.: MGPI im. V.I.Lenin, 1972. –P.19-39.
2. Dadobaeva, N. N. Pedagogical practice is an important factor in the preparation of a future teacher/N.N.Dadobaeva, N.Dadobaev// “Scientific notes” of Khujand State University. Academician B. Gafurov. Humanities and Social Sciences Series. – 2016. – No. 4(49). – P. 201-204.
3. Pedagogical training regulations of institutions of higher professional education of the Republic of Tajikistan (Decision of the Council of the Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan dated January 28.- 2017, No. 1/16).
4. Umarova, M. T. Pedagogical practice is an important condition for the formation of professional competence of future teachers of the Russian language /M.T.Umarova // Scientific notes of Khujand State University. Academician B. Gafurov. Humanities and Social Sciences Series. – 2016. – No. 1(46). – P.193-201.
5. Hakimova, Sh.I. On the interactive method of teaching the Tajik language/ Sh. I. Hakimova // Gift of goods. - Khujand: Publisher, 2012.- P.345-348
6. Hakimova, Sh.I. Innovative phenomena of education in the education system of Tajikistan/Sh. I. Hakimova// "University letter" of Khujand State University named after Academician B. Gafurov, series of humanities and social sciences. - 2015- №2(43). - P.245-249.
7. Bloom B. S., Englehart M. D., Furst E. J., Hill W. H., Krathwohl D. R. Taxonomy of educational objectives handbook I: Cognitive domain. New York, 1956.- 202 p.